*Барои пешрафт ва саодати халқи Тоҷикистон!*

# ХАМРОЗИ ХАЛК

ҲАФТАНОМАИ СИЁСӢ - ИТТИЛООТӢ

№ 41 (637), 23 октябри соли 2025

Нашрияи Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон

## ОҒОЗИ САФАР БА НОҲИЯИ ВОСЕЪ ВА ИФТИТОҲИ МАЙДОНИ ПАРЧАМ ВА НИШОНИ ДАВЛАТӢ



**22 октябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо вазъи зиндагии мардум, рафти корҳои ободонию созандагӣ, ифтитоҳи як қатор иншооти муҳим ва мулоқоту суҳбат бо сокинон ба ноҳияи Восеи вилояти Хатлон ташриф овარданд.**

Дар фурудгоҳи муваққатии ноҳия Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид ва дигар шахсони расмӣ самимона пешвоз гирифтанд.

Сафари корӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ифтитоҳи Майдони Парчам ва Нишони давлатӣ, ки дар майдони 3,3 гектар бунёд гардидааст, оғоз ёфт.

Майдони Парчам ва Нишони давлатиро, ки рамзи ифтихору соҳибихтиёрист Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои тантанавӣ ифтитоҳ намуданд.

Қомат афрохтани муқаддасоти миллӣ дар ноҳия ин рамзи ифтихор ва ягонагии сокинон ба ҳисоб рафта, ҳадаф аз он баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, идомаи анъаноти нек ва эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ мебошад.

Дар майдони мазкур, ки дар доираи омодагиҳо ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шудааст, барои истироҳату фароғати сокинону меҳмонон шароити мусоид фароҳам аст.

Баландии пояи Парчами давлатии Тоҷикистон дар маҷмуъ бо таҳкурсиаш 52 метр буда, матои парчам 7 метр паҳноӣ ва 14 метр дарозӣ дорад.

Атрофи иншоот дар масоҳати 32 ҳазор метри мураббаъ сабзкорию гулкорӣ ва чароғон шуда, дар он наздики 600 бех дарахтони сояафкану ороишӣ шинонида шудааст.

Нишони давлатӣ бошад, 22 метр баландӣ дошта, таҳкурсии он бо санги мармар оро ёфт.

Роҳравҳои майдон дар масоҳати наздики 5 ҳазор метри мураббаъ сафолакпӯш гардида, барои истироҳату фароғати сокинону меҳмонон курсиҳо гузошта шудааст.

Майдони мазкур, ки дар шаҳраки Ҳулбук воқеъ аст, ба макони дилкашу тамошобоб барои сайругашти сокинон табдил ёфтааст ва барои баргузории чорабиниҳои гуногуни ватандӯстона бо ҷалби ҷавонону наврасон пешбинӣ гаштааст.

www.prezident.tj



МАҶЛИСИ ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ... - саҳ. 2



ИШТИРОКИ ҲИЗБИЁН ДАР ҲАШАРИ... - саҳ. 3



МАРКАЗЕ, КИ ШАҲРВАНДОНРО БА... - саҳ. 5



ЗАН – ПОЯИ ҶОМЕАИ СОЛИМ ВА НЕРУИ... - саҳ. 7

# МАҶЛИСИ ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР НУҲ МОҲИ СОЛИ 2025



**17 октябр, дар шаҳри Бохтар таҳти раёсати раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид маҷлиси ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлон дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ баргузор гардид.**

Дар кори маҷлис муовинон ва роҳбари дастгоҳи раиси вилоят, роҳбарони ташкилоту муассисаҳои вилоятӣ, раисони шаҳру ноҳияҳо ва дигар масъулон ширкат варзиданд.

Раиси вилоят зимни ифтитоҳи маҷлис таъкид намуд, ки фаъолияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар ин давра ба иҷрои дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, татбиқи вазифаҳои муайяннамудаи Паёми навбатии Президенти мамлакат ва амалӣ намудани барномаҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ вобаста ба рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа равона гардид.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда, нишондиҳандаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии вилоят дар моҳҳои январ-сентябри соли равон бо дастовардҳои назаррас ҷамъбаст гардидааст.

### РУШДИ МУСТАҲКАМИ ИҚТИСОДИ ВИЛОЯТ

Муовини раиси вилоят А. Қурбонзода зимни ироаи гузориши муфассал иттилоъ дод, ки нишондиҳандаи кӯтоҳмуддати рушди минтақавӣ дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 32,1 миллиард сомонӣ буда, суръати воқеии рушд 8,1 фоизро ташкил дод. Ҳиссаи вилояти Хатлон дар нишондиҳандаи умумии ҷумҳурӣ 27,3 фоиз мебошад.

Даромади умумии буҷети вилоят пурра, 100 фоиз, иҷро гардида, воридоти маблағҳо 3 миллиарду 363,6 миллион сомониро ташкил дод. Аз ин шумора андозҳо, бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ, 101,7 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 2 миллиарду 393,7 миллион сомонӣ ворид шудааст, ки 39,6 миллион сомонӣ аз нақша бештар аст.

Аз ҳисоби иҷрои барзиёдии буҷет ба Фонди муътадилгардонӣ ва сохтмони иншооти муҳими давлатӣ 14 миллион сомонӣ равона гардидааст.

### ТАЪМИНИ АҲОЛӢ ВА ДАСТГИРИИ ИҶТИМОӢ

Дар вилоят 305 ҳазору 970 нафақагир ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 14 ҳазору 412 нафар зиёд мебошад. Маблағи умумии нафақа 1 миллиарду 318,5 миллион сомонӣ буда, нисбат ба соли гузашта 23,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Ба 1 ҳазору 462 нафар ворисони фавтидагон 2,1 миллион сомонӣ кумакпулӣ пардохт шудааст.

Ба ҳолати 12 сентябри соли ҷорӣ 77 ҳазору 734 оила ва шаҳрвандони камбизоат ба маблағи умумии 52 миллион сомонӣ кумакпулӣ дарёфт намудаанд. Дар арафаи ҷашну идҳои миллӣ ба гурӯҳҳои иҷтимоии эҳтиёҷманд, аз ҷумла собиқадорон, ятимон ва хонаводаҳои камбизоат ба маблағи умумии 85,5 миллион сомонӣ кумак расонида шудааст.

### ТАТБИҚИ БАРНОМАИ РУШДИ ВИЛОЯТ

Мониторинги иҷрои Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025 нишон медиҳад, ки то 1 октябр 183 лоиҳа ба маблағи 5,9 миллиард сомонӣ (79 фоиз) пурра иҷро шуда, дар 80 лоиҳаи дигар корҳо идома доранд. Дар маҷмӯъ, сатҳи иҷрои Барнома 92,6 фоизро ташкил медиҳад.

### ФАЪОЛИЯТИ СОҲАҲОИ МОЛИЯВӢ, САРМОЯГУЗОРӢ ВА СОХТМОН

Тибқи маълумоти мақомоти молиявӣ, ташкилотҳои қарзию бонкӣ ба самтҳои гуногуни иқтисодӣ 4,6 миллиард сомонӣ қарз равона кардаанд, ки нисбат ба соли гузашта 27 фоиз зиёд мебошад. Аз ин шумора, 1,4 миллиард сомонӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ ва 1 миллиард сомонӣ ба кишоварзӣ бахшида шудааст.

Дар ҳудуди вилоят 42 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ татбиқ шуда, дар доираи онҳо 910,9 миллион доллари ИМА барои соҳаҳои маориф, тандурустӣ, энергетика, нақлиёт ва дигар бахшҳо равона гардидааст.

Ҳаҷми гардиши савдо ба 13,6 миллиард сомонӣ, хизматрасонии пулакӣ ба 2,4 миллиард сомонӣ ва гардиши савдои хориҷӣ ба 348,2 миллион доллари ИМА расидааст.

### СОҲАИ МЕҲНАТ ВА ШУҒЛ

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 66 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис дода шудааст. Аз ин шумора 60 ҳазор ҷой аз ҳисоби шахсони воқеӣ мебошад. Музди миёнаи меҳнат 2170 сомонӣ буда, нисбат ба соли гузашта 25 фоиз зиёд шудааст.

### КИШОВАРЗӢ: АФЗОИШИ ҲОСИЛ

Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 30,9 миллиард сомониро ташкил дода, афзоиши он 7,5 банди фоизиро дар бар мегирад.

Дар вилоят 182,7 ҳазор тонна пахта, 1,59 миллион тонна сабзавот, 935 ҳазор тонна полезӣ, 346 ҳазор тонна мева, 123 ҳазор тонна ангур, 122 ҳазор тонна гӯшт ва 344 ҳазор тонна шир истеҳсол шудааст.

Дар гармхонаҳои доимӣ ва мавсимӣ дар майдони 2,5 ҳазор гектар 75 ҳазор тонна сабзавот, аз ҷумла 24,5 ҳазор тонна помидор ва 21 ҳазор тонна бодиринг парвариш ёфтааст.

Кишти такрорӣ дар майдони 126 ҳазор гектар гузаронида шуда, боғу токзорҳои нав дар 46 гектар бунёд гардидаанд.

### САНОАТ ВА БУНЁДКОРӢ

Дар нуҳ моҳи соли равон ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 9,5 миллиард сомонӣ буда, афзоиш нисбат ба соли гузашта 7,4 фоизро ташкил дод. Аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ 66 корхона ва коргоҳи нави саноатӣ бо 537 ҷойи корӣ ифтитоҳ гардид.

Дар соҳаи сохтмон 2,6 миллиард сомонӣ сарф шудааст. Дар доираи омодагӣ ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз 6260 иншооти банақшагирифташуда 5955-тоаш (95 фоиз) ба истифода дода шудааст.

Дар масофаи умумии 2208 километр роҳ таъмиру азнавсозӣ гардидааст.

### МАОРИФ, ТАНДУРУСТӢ ВА ФАРҲАНГ

Дар вилоят 1403 муассисаи таълимӣ, инчунин 18 муассисаи томактабии хусусӣ фаъолият доранд. Сатҳи фарогирии кӯдакон ба кӯдакистонҳо ба 24,7 фоиз расидааст.

Дар муассисаҳои тандурустӣ 4665 табиб ва 21 ҳазор корманди миёнаи тиб фаъолият доранд. Дар нуҳ моҳ ба маблағи 37 миллион сомонӣ хизматрасонии пулакӣ ва ба қадри 8,4 миллион сомонӣ хизматрасонии ройгон ба аҳолӣ расонида шудааст.

Бо ташаббуси раиси вилоят Китобхонаи вилоятии ба номи Шамсиддин Шоҳин бо харҷи беш аз 3 миллион сомонӣ пурра таҷдид ва бо таҷҳизоти муосир таъмин гардид.

Варзишгарони вилоят дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ 2217 медал ба даст овардаанд.

### РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ИҚДОМҲОИ ТАЪСИРБАХШ

Дар нуҳ моҳи соли 2025 ба вилояти Хатлон 928 ҳазор сайёҳ, аз ҷумла 95 ҳазор сайёҳи хориҷӣ ташриф овардаанд.

Форуми байналмилалии "Хатлон - қалби гарми сайёҳӣ", ки дар шаҳри Кӯлоб баргузор шуд, барои муаррифии имкониятҳои нави сайёҳӣ ва густариши ҳамкориҳои хориҷӣ мусоидат намуд.

### ВАЗИФАГУЗОРИИ РАИСИ ВИЛОЯТ

Дар идома раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид аз масъулони сохторҳои вилоятӣ ва раисони шаҳру ноҳияҳо вобаста ба нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ пурсиш карда, барои ҳаллу фасли мушкилоти ҷойдошта дар соҳаҳои алоҳидаи фаъолият масъалагузорӣ намуд.

Дар анҷоми маҷлис раиси вилояти Хатлон фаъолияти сохторҳои вилоятӣ ва мақомоти маҳаллиро мусбат арзёбӣ намуда, ҳамзамон ба роҳбарони шаҳру ноҳияҳо дастур дод, ки:

- ҷиҳати татбиқи босамари ҳадафҳои стратегии мамлакат ва барномаҳои давлатӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд;
- ба рушди истеҳсолот, соҳибкории хурду миёна ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ диққати бештар диҳанд;
- барои фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагии мардум, иҷрои пурраи нақшаҳои буҷет ва ҷамъоварии маҳсулоти кишоварзӣ талош намоянд;
- омодагии ҳамаҷониба ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин созанд.

"Дар баробари муваффақиятҳо ҳоло низ захираҳои истифоданашудаи зиёд мавҷуданд. Бовар дорам, ки бо заҳмати содиқонаи мардуми Хатлон ва ҳисси баланди масъулиятшиносии роҳбарон мо тамоми нақшаҳоро дар сатҳи сазовор амалӣ хоҳем кард", - таъкид намуд раиси вилоят Давлаталӣ Саид.

Пас аз анҷоми ҷаласа як қатор фаъолони шаҳру ноҳияҳои вилоят барои саҳми муносиб гузоштан дар рушди соҳаи пахтакорӣ бо Сипоснома ва тӯҳфаҳои хотиравии раиси вилояти Хатлон қадрдонӣ карда шуданд.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**

# ИШТИРОКИ ҲИЗБИЁН ДАР ҲАШАРИ УМУМИҶУМҲУРИЯВИИ ҶАМЪОВАРИИ ПАХТА

**«Ба кумаки марди деҳқон меравем» таҳти ҳамин унвон санаи 18 октябр бо ибтикори бевоситаи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати саҳмгузорӣ дар ҷамъоварии ҳосили пахта дар ноҳияи Абудураҳмони Ҷомӣ ҳашари умумиҷумҳуриявии пахтачинӣ баргузор гардид.**

Дар ин ҳашар, Маликшо Неъматзода, муовини якуми Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Саидзода Ҷамшед Ҳамро, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, Амирзода Маҳмуд, раиси ноҳия, кормандони дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказӣ, масъулони кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар шаҳру ноҳияҳои Душанбе, кормандони Кумитаи иҷроияи вилоятии ҳизб, аъзои ТҶҶ «Созандагони Ватан» ҷонибдорон ва фаъолони ҳизб дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ фаъолона иштирок намуданд.

Дар доираи ин сафар ба ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, Маликшо Неъматзода, муовини якуми Раиси ҲХДТ ва дигар ҳайати меҳмонон нахуст, аз қитъаи замини дар маркази ноҳия барои сохтмони бинои маъмурии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия ҷудо шудааст, боздид ба амал оварданд. Зимни шиносоӣ масъулин оид ба ҷараёни таҳия ва татбиқи лоиҳа, инчунин сифат ва муҳлати анҷоми кори сохтмон маълумот манзур намуданд. Итиллоъ дода шуд, ки бо сохта ба истифода додани бинои маъмурӣ фаъолияти ҳизбиён дар маҳал густариш меёбад.

Инчунин, ҳайати меҳмонон бо шароити бинои нави Шуъбаи қабули Беморхонаи марказии ноҳия аз наздик шинос шуда, таъкид доштанд, ки яке аз ҳадафҳои дигари Ҳукумати кишвар, ин фароҳам овардани шароити беҳтар дар соҳаи тандурустӣ ва нигоҳ доштани солимии ҷомеа мебошад.

Баъдан, барои дасти кумак дароз намудан ба марди деҳқон ба хоҷагии деҳқонии «Дубеда»-и Ҷамоати деҳоти Вахшон рафтанд. Бояд қайд кард, ки пахта яке аз маҳсулоти муҳими соҳаи кишоварзӣ ба шумор рафта, манбаи муҳими таъмини ашёи хом барои саноати сабук ва фароҳам овардани ҳазорҳо ҷойи кор дар кишвар мебошад. Вилояти Хатлон минтақаи пешсаф дар бахши кишоварзӣ буда, дар истеҳсоли «тиллои сафед» саҳми бузург дорад ва ҳамасола ҳазорҳо тонна пахта аз ин минтақа истеҳсол мешавад. Ҳамин аст, ки саҳми деҳқонон дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар назаррас мебошад.

Ҳизбиён дар ҳашари умумиҷумҳуриявии ҷамъоварии пахта бо ҳиссаи баланди ватандӯстӣ ва саҳмгузорӣ дар ғанӣ гардонидани хирмани марди деҳқон ба таври фаъолона иштирок намуданд.






Ба гуфтаи мутахассисон ва пахтакорон назар ба соли гузашта, имсол бо омадани обу ҳавои мусоид ҳосили пахта дар марзҳои корам фаровон буда, аҳли заҳмат бо истифода аз рӯзҳои гарму офтобӣ талош доранд, сари вақт ва бе талаф ҳосилро то кӯраки охирин ҷамъоварӣ карда, дурнаморо иҷро намоянд.

Тибқи маълумоти Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон шаҳрҳои Бохтару Левакант ва ноҳияҳои Дӯстӣ, Ёвон, Данғара, Вахш, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҷайҳун, Кӯшониён Абдураҳмони Ҷомӣ ва Хуросон аз дурнамо пахта мужда додаанд. То кунун дар вилоят иҷрои дурнамо 91,53 фоиз иҷро шудааст.

**Амонҷон МУҲИДДИНОВ,**
**«Ҳамрози халқ»**

# МУЖДА: НОҲИЯИ ХУРОСОН НИЗ ДУРНАМОИ ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛИ ПАХТАРО 100 ФОИЗ ИҶРО КАРД

**16 октябр, узви Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва вилоятии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид зимни сафари корӣ дар ноҳияи Хуросон аз фаъолияти корхонаи коркарди пахтаи ҶДММ Иттиҳоди аграрии «Водии заррин» боздид намуда, дар маросими ҳавасмандгардонии хоҷагиҳои деҳқонӣ иштирок ва ба онҳо тухфаҳо тақдим намуданд.**



Бояд зикр намуд, ки пахтакорони ноҳияи Хуросон дурнамои ҷамъоварии пахтаро 100 фоиз иҷро намуда, то имрӯз 7 ҳазору 13 тонна "тиллои сафед" ҷамъоварӣ кардаанд.

Зимни мулоқоти самимӣ бо хоҷагидорон ва раисони ҷамоатҳо раиси вилоят Давлаталӣ Саид иҷрои нишондоди дурнамои истеҳсолии пахтаро бо хушнудӣ пазируфта, ин дастоварди назаррасро ба онҳо ва кулли пахтакорони ноҳия табрику муборакбод намуданд.

Инчунин, раиси вилоят ба масъулини соҳа, хоҷагидорону мутахассисон, деҳқонон, об-монҳо, механизаторон ва чинакчиёни ҷобукдаст, ки дар кишту парвариш, ҷамъоварӣ ва оростани хирмани имсола саҳми худро гузоштаанд, изҳори сипос намуданд.

Дурнамои 19 шаҳру ноҳияҳои пахтакори вилояти Хатлон имсол 254300 тонна мебошад, ки то имрӯз 217209,2 тонна пахта ҷамъоварӣ шудааст, ки ин баробари 85 дарсади дурнамои солона мебошад.

Дар байни 19 шаҳру ноҳияҳои пахтакор то ин имрӯз ҳафт шаҳру ноҳия - Левакант, Бохтар, Дӯстӣ, Ёвон, Данғара, Вахш ва Хуросон пурра аз иҷрои дурнамои пахта баромадаанд.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**

# БОЗДИДИ РАИСИ ВИЛОЯТ АЗ РАФТИ КОРҲОИ СОХТМОНӢ ДАР ИНШООТИ ҶАШНӢ



18 октябр, зимни сафари корӣ узви Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва вилоятии ҲХДТ, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид дар ноҳияи Ҷайҳун бо рафти корҳои сохтмонӣ дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 53 шинос шуданд.

Иншооти мазкур дар доираи корҳои бунёдкорию созандагӣ ва ободонӣ бахшида ба ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди инфрасохтори ноҳия бо усули муосири меъморӣ, сифати баланд ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир сохта шуда истодааст.

Мактаби мазкур барои 1248 хонанда дар ду баст сохта шуда, маблағгузор Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон мебошад.

Раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид зимни шиносоӣ таъкид намуданд, ки бояд иншоотҳои ҷашнӣ бо сифати баланд ва тибқи нақша сохта шавад.

**Хадамоти матбуоти раиси вилояти Хатлон**

# НОҲИЯИ ҶАЙҲУН НИЗ ДУРНАМОИ ҶАМЪОВАРИИ ҲОСИЛИ ПАХТАРО 100 ФОИЗ ИҶРО КАРД



18 октябр, узви Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ ва вилоятии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид зимни сафари корӣ дар ноҳияи Ҷайҳун дар маросими ҳавасмандгардонии хоҷагиҳои деҳқонӣ иштирок намуда, ба онҳо туҳфаҳо тақдим намуданд.

Бояд зикр намуд, ки пахтакорони ноҳияи Ҷайҳун дурнамои ҷамъоварии пахтаро 100 фоиз иҷро намуда, то имрӯз 16 ҳазору 200 тонна "тиллои сафед" ҷамъоварӣ кардаанд.

Зимни мулоқоти самимӣ бо хоҷагидорон ва раисони ҷамоатҳо раиси вилоят Давлаталӣ Саид иҷрои нишондоди дурнамои истеҳсолии пахтаро бо хушнудӣ пазируфта, ин дастоварди назаррасро ба онҳо ва кулли пахтакорони ноҳия табрику муборакбод намуданд.

Инчунин, раиси вилоят ба масъулини соҳа, хоҷагидорону мутахассисон, деҳқонон, обмонҳо, механизаторон ва чинакчиёни чобукдаст, ки дар кишту парвариш, ҷамъоварӣ ва оростани хирмани имсола саҳми худро гузоштаанд, изҳори сипос намуданд.

Дурнамои 19 шаҳру ноҳияҳои пахтакори вилояти Хатлон имсол 254300 тонна мебошад, ки ба ҳолати 17 октябр 220418,8 тонна пахта ҷамъоварӣ шудааст, ки ин баробари 87 дарсади дурнамои солона мебошад.

Дар байни 19 шаҳру ноҳияҳои пахтакор то имрӯз ҳашт шаҳру ноҳия - Левакант, Бохтар, Дӯстӣ, Ёвон, Данғара, Вахш, Хуросон ва Ҷайҳун пурра аз иҷрои дурнамои пахта баромадаанд.

# МУРОҶИАТНОМАИ

## ИШТИРОКЧИЁНИ МИЗИ МУДАВВАР ДАР МАВЗУИ “ПЕШГИРИИ ПАДИДАҲОИ НОМАТЛУБ ДАР БАЙНИ ЗАНОН ВА ҶАВОНОН, АЗ ҚАБИЛИ ҶИНОЯТКОРӢ, ШОМИЛШАВИИ ЗАНОНУ ҶАВОНОН БА ҲИЗБУ ҲАРАКАТҲОИ ЭКСТРЕМИСТӢ, ХУДКУШӢ ВА СӮИҚАСД БА ҶОНИ ХУД”, КИ РӮЗИ 7.10.2025 БО ИБТИКОРИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲХДТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ҚАБУЛ ГАРДИД

**Зан – модар сарчашмаи меҳру вафо, олиҳаи зебоӣ, рамзи ишқи ҷовидонӣ, нахустин мураббӣ ва муаллими инсоният аст.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Мо-иштирокчиёни мизи мудаввари мазкур, бо эҳтиром ба ҳамаи модарон, хоҳарон ва бонувони гиромиқадр муроҷиат намуда, изҳор медорем:

Зан, чароғи хонадон, тарбиятгари насли наврас ва поягузори ахлоқи ҷомеа мебошад. Бе зан, бе эҳсоси масъулияти модарӣ ҷомеа рушду тараққӣ карда наметавонад. Бинобар эҳтиром ба зан, бахусус ба модар, омили хушбахтӣ ва оромии хонадони ҳар яки мост. Мо итминон дорем, ки лутфу меҳрубонии модарон метавонад дар қалби ҷавонон умеду орзу ва муҳаббат ба зиндагиро бедор созад. Ҷаҳони муосир бо таҳаввулоти иқтисодиву сиёсӣ ва муборизаҳои иттилоотӣ рӯбарӯст. Дар чунин шароит ҳар шахс бо андешаи солим ва зиракии сиёсӣ аз макру фиреби бегонагон худро эмин нигоҳ дорад.

Модар - беҳтарин офариниши Худованд аст. Ӯ барои фарзанд ҳамчун мактаби меҳру муҳаббат ва намунаи олии одаму одамгарист. Ҳар як шахсро зарур аст, ки ба модар, ба волидайн ва ба арзишҳои волои миллӣ эҳтиром гузорад. Аз ин рӯ ба модарон ва бонувони гиромӣ муроҷиат карда гуфтанием, ки бояд фарзандонро дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва ифтихори миллӣ тарбия намоянд. Шомил шудани ҷавонон ва занон ба гурӯҳҳои ифротӣ, даст задан ба зӯроварӣ ё худкушӣ хилофи ахлоқ, шариат ва меъёрҳои инсонист. Бинобар ин, ҳар як модар вазифадор аст, ки фарзандонашро аз чунин хатарҳои мудҳиш ҳифз намояд ва онҳоро ба роҳи нек раҳнамун созад.




Мо - модарон ва бонувони вилояти Хатлон иброз медорем, ки барои ҳифзи сулҳ, ваҳдат ва оромии Ватани азизамон омодаем ва намегузорем, ки душманони сулҳу ваҳдат бо фитнаву душманӣ оромии кишварамонро халалдор намоянд. Имрӯз мо бояд ҳар як амали зишту неки худро дар тарозуи ақлу хирад баркашем. Бадӣ, кину ҳасад, харобкорӣ, дар ҳеҷ замон касеро ба қуллаи мақсуд нарасонидааст ва намерасонад.

Зан - модар бояд зиндагиро бо лутфу меҳрубонӣ, бо ишқу муҳаббат, бо тозагию покӣ, бо навозишҳои гарму нарм рангину зебо намояд. Эътиқод ба зиндагии дурахшон ҳамеша дар набард ба қувваҳои аҳриманӣ пирӯз гаштаву пирӯз мегардад.

Эй зан - модар, ки худ чароғи хонадонӣ ва ҳақ надорӣ, ки ба Ватан, хонадон ва фарзандони худ хиёнат намоӣ.

Аз ин рӯ ба кулли бонувон, модарон ва хоҳарон муроҷиат намуда гуфтанием, ки равандҳои сиёсии ҷаҳони муосирро бо ақлу хирад таҳлил намуда, фарзандону пайвандон ва ҷигаргӯшаҳои худро нагузоред, ки ба роҳи хато рафта, ба ҳизбу ҳаракатҳо ва созмонҳои ифротӣ шомил шаванд. Ҳамзамон, шумо хоҳарону модаронро даъват мекунем, ки ба қадри сулҳу оромии Ватан, Ваҳдату ягонагӣ бирасем ва нагузорем, ки Тоҷикистонро нооором созанд.

Итминони комил дорем, ки бо меҳру муҳаббат, бо дӯстиву ҳамдилӣ метавонем, ки оилаҳои солим, ҷомеаи ором ва Ватани обод бунёд намоем. Бинобар ин бонувонро ба ҳамфикрӣ, ҳамкорӣ ва дастгирии якдигар даъват менамоем, то мақоми зан дар ҷомеа боз ҳам баландтар гардад ва Тоҷикистони биҳиштосои мо дар паноҳи Яздони пок эмин бимонад.

**Бо эҳтиром, иштирокчиёни мизи мудаввар, вилояти Хатлон, 7 октябри соли 2025**

# МАРКАЗЕ, КИ ШАҲРВАНДОНРО БА БОЗОРИ МЕҲНАТ ОМОДА МЕКУНАД

**Дар шароити муосири рушди ҷомеа ва бозори меҳнат, касбомӯзӣ яке аз роҳҳои муҳими баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва кам кардани сатҳи бекорӣ маҳсуб меёбад. Дар ин замина, таъсиси Маркази касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ дар шаҳри Бохтар ҳамчун як иқдоми созанда ва саривақтӣ баҳри баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва касбомӯзии сокинон, нақши созгор дорад.**



Маркази мазкур бо мақсади омӯзиши касбҳои гуногун ва фароҳам овардани имкониятҳои шуғли муносиб барои аҳолии маҳаллӣ ташкил гардида, имрӯз ба як пойгоҳи муҳими таълимӣ ва амалии касбомӯзӣ табдил ёфтааст. Дар марказ барои сокинони шаҳри Бохтар ва ноҳияҳои атрофи он шароити мусоиди таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ фароҳам оварда шудааст.

Касбҳои омӯзишии марказ ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат буда, сокинони шаҳр ва ноҳияҳои гирду атрофи он метавонанд дар муҳлатҳои кӯтоҳмуддат касбҳои кафшергарӣ, барқчӣ, челонгарӣ, андовагар ва васлгарриро аз худ намоянд. Онҳое, ки мутахассиси чунин касбҳо ҳастанд, вале шаҳодатнома ва ё сертификат надоранд, марказ имконияти онро дорад, ки дар муҳлати 14 рӯз чунин шахсонро бо сертификат таъмин намояд.

Ин ихтисосҳо дар бахшҳои сохтмон, саноат, техника ва хизматрасонӣ мавқеи хос дошта, ҳангоми хатми омӯзиш, хатмкунандагон метавонанд дар бозори меҳнат ба осонӣ ҷойи кор пайдо намуда, бо меҳнати ҳалол ва даромади муносиб зиндагии худро пеш баранд.

Роҳила Давлатова, директори Маркази касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ дар шаҳр мегӯяд, ки фаъолияти марказ барои шаҳрвандон, хусусан ҷавонон имконияти хубест, ки ба таври ройгон ҳунар ва забонҳои хориҷиро аз худ намуда, дар дохили кишвар ва берун аз он метавонанд кори муносиб пайдо намоянд.

Бояд қайд кард, ки Маркази касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ дар ду баст фаъолият дошта, новобаста аз синну сол шаҳрвандон метавонанд омада дар таҳсил намоянд. Тибқи дастуру супоришҳои Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои занону духтароне, ки курсҳои омӯзиширо бо муваффақона хатм менамоянд, идрорпулӣ дар ҳаҷми 120 доллари амрикой дода мешавад,-ироа дошт Р. Давлатова.

Бояд зикр кард, ки ин шабу рӯзҳо бархе аз ҷавонон, хусусан муҳоҷирони меҳнатӣ роҳҳои рафтан ба кишварҳои Британияи Кабир ва Кореяро меҷӯянд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки аксари онҳо ба доми қаллобон афтода, зарари зиёди молӣ мебинанд. Ба гуфтаи Роҳила Давлатова яке аз сабабҳои кам рафтани муҳоҷирони кории тоҷик ба кишварҳои Аврупо надоштани касби мувофиқ ва сертификат мебошад.

«Дар маркази мо омӯзиши забони хориҷӣ вобаста ба интихоби касб ба роҳ монда шудааст. Баъд аз хатми курс ва супоридани имтиҳон касбомӯз бо сертификати байналмилалӣ, ки бо ду забон тоҷикӣ ва англисӣ омода шудааст, таъмин мегардад. Ин сертификат роҳҳои рафтани онҳоро ба кишварҳои Аврупо ва дигар кишварҳо боз мекунад. Хоҳишмандон метавонанд омада дар марказ касбу ҳунарҳоро бо истифода аз технологияҳои муосир аз худ намоянд»,- илова кард роҳбари Марказ.

Дар Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти соҳаи шуғл ва таъмини шаҳрвандон бо ҷойи кори муносиб аз соли 2022 «Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул барои давраи то соли 2040» амал мекунад. Яке аз нуктаҳои асосие, ки дар Консепсия зикр шудааст, гуногунсамт кардани муҳоҷирати меҳнатӣ аст. Дар ҳамин ҳол Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоӣ борҳо хоҳишмандонро барои кор ба кишварҳои Кореяи Ҷанубӣ ва давлати Қатар даъват намудааст.

Дар Маркази касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ дар шаҳри Бохтар муаллимони забондону касбӣ ба касбомӯзон дарс медиҳанд. Дар баробари касбу ҳунар омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба шаҳрвандон имкон медиҳад, ки дар дохили кишвар ва хориҷи он барои таҳсил, кор ва муошират имкониятҳои бештари зиндагӣ ба даст оранд. Ҳамчунин, таълимҳо бо истифода аз таҷҳизоти замонавӣ ва усулҳои интерактивӣ гузаронида мешаванд, ки ин ба баланд шудани сатҳи дониш ва малакаи амалӣ мусоидат мекунад.

Мақсади асосии марказ пеш аз ҳама омода кардани мутахассисони соҳавӣ ва баланд бардоштани сатҳи касбии шаҳрвандон аст. Ин иқдом махсусан барои ҷавонон, занони хонашин ва шахсоне, ки хоҳиши тағйир додани ихтисоси худро доранд, шароити хуби омӯзиш ва рушд фароҳам месозад.

Таъсиси Маркази касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ дар шаҳри Бохтар як иқдоми муҳим ва зарурӣ дар роҳи таъмини зиндагии шоиста барои шаҳрвандон мебошад. Ин Марказ на танҳо муҳити омӯзишӣ, балки фазои мусоиди рушди шахсӣ, касбӣ ва иҷтимоиро фароҳам меорад. Бо омӯзиши касб ва забон, ҳар як шахс метавонад ба ояндаи беҳтар қадам гузорад ва дар рушди ҷомеа саҳми арзанда гузорад. Ҳоло дар марказ беш аз 170 нафар дар ду баст таҳсил карда истоданд.

**Амонҷон МУҲИДДИНОВ, «Ҳамрози халқ»**

## РЕЙТИНГИ ҲИЗБӢ «ОБУНА – 2026»

***Обуна ба «Ҳамрози халқ» то 22 октябр***

| *Шаҳру ноҳияҳо* | *Фоизи иҷроиш* |
|---|---|
| Балҷувон | 100 % |
| Левакант | 103,9 % |
| Темурмалик | 100 % |
| Шаҳритус | 100 % |
| Ёвон | 100 % |
| А.Ҷомӣ | 100,1 % |
| Восеъ | 100 % |
| Н. Хусрав | 100 % |
| Ховалинг | 100 % |
| Қубодиён | 101,8 % |
| Хуросон | 100 % |
| Норак | 100 % |
| Кӯшониён | 100,1 % |
| Вахш | 100 % |
| Фархор | 100 % |
| Дӯстӣ | 100 % |
| Бохтар | 100 % |
| Панҷ | 100,2 % |
| Ш. Шоҳин | 100 % |
| Кӯлоб | 100 % |
| Муъминобод | 100 % |
| Чайхун | 100 % |
| Ҳамадонӣ | 100 % |
| Ҷ. Балхӣ | 88,7 % |
| Данғара | 56,5 % |
| **Дар вилоят** | **97,4 %** |

# МАЛИКО, ҶАШНИ МЕҲРГОН ОМАД!

**Меҳргон яке аз қадимтарин идҳои бузурги қавмҳои эронист, ки ба фаслҳои сол вобастагӣ дорад. Тавре ки маълум аст, дар як сол ду маротиба шабу рӯз баробар мешавад. Эътидоли баҳорӣ 21-уми март ва эътидоли тирамоҳӣ 22-юми сентябр сурат мегирад ва ниёгони мо дар ин ду фасли сол идҳои бузурги худ - Наврӯз ва Меҳргонро бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн мегирифтанд.**



Агар дар эътидоли аввал оғози гардиши сол бошад, дар эътидоли дуюм оғози гардиши нимаи дуюми сол аст. Ниёгонамон як солро ба ду фасл тақсим мекарданд ва онро ба давраҳои зиндагии инсону кайҳон нисбат дода, фасли баҳору тобистонро ба таваллуду ҷавонӣ, балоғати инсон, офарини ҷаҳони ҳастӣ ва фасли тирамоҳу зимистонро ба поёни давраи балоғат, пирию мирандагӣ ва фасоди ҷаҳони ҳастӣ ташбеҳ медоданд.

Ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон реша ба замонҳои асотирӣ ва ҳамосаҳои таърихи дури ниёгон дорад. Агар ҷашни Наврӯзро ба Ҷамшед нисбат диҳанд, ки ӯ барои куштани мор оташро падид овард ва иди Меҳргонро ба Фаридун вобаста медонанд, ки ӯ бар Заҳҳок ғалаба кард. Оид ба таърихи пайдоиши иди Меҳргон дар миёни муҳаққиқон ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд. Дар аксар китобҳо омадааст, ки Меҳргон рӯзи шонздаҳуми моҳи ҳафтуми солшумории шамсӣ – Меҳрмоҳ аст ва эрониёни қадим онро муборак шуморида ид мекарданд ва он рӯзро Меҳргон меномиданд. Агар Наврӯз ҳамчун рӯзи оғози кишту кори баҳорӣ ид карда шавад, Меҳргон ҳамчун рӯзи ҷамъоварии ғалла ҷашн гирифта мешуд ва он як моҳ давом мекард.

Мардум барои ҷашнгирии Меҳргон тайёрӣ медиданд, ҷорабиниву маросимҳои ommавиро роҳандозӣ намуда, барои худ ва наздиконашон сару либоси нав дӯхта, базму бозиҳо ташкил мекарданд. Гузаштагонамон ин идро бо Меҳргони омма (хурд) ва Меҳргони хосса (бузург) ҷудо мекарданд. Иди Меҳргон аз замонҳои қадим шуруъ гардида, ҷашнгирии он барои подшоҳони баъдӣ ба ҳукми анъана даромад.

Донишманди эронӣ Ҳошими Разӣ дар китоби «Ҷашнҳои Эрони бостон» доир ба Меҳргон чунин овардааст: «Ҷашни Меҳргон дар шонздаҳуми ҳар моҳ ва миёнаи поиз (тирамоҳ) воқеъ аст ва шаш рӯз аст, ки охирин рӯзи онро Меҳргони бузург мехонанд, ки дар ин рӯз Анӯшервон писари Бобак тоҷ бар сар ниҳод ва ойини эрониён дар ин рӯз чунон аст, ки подшоҳонашон барои хуҷастагӣ равғани беди мушк бар тан мемоланд ва либосҳои пурзару зевар мепӯшанд ва тоҷҳое ба шакли Хуршед ба сар мениҳанд. Аввал касе, ки дар ин рӯз ба пешгоҳи подшоҳ ворид меояд, мубади мубадон аст бо табақе, ки дар он турунҷ ва пораи шакар ва биҳиву анору себ ва хӯшаи ангури сафед ва ҳафт даста райҳон, ки ба онҳо ба замзама дамида шудааст, қарор дорад...».

Шоҳони эронӣ маҳз дар иди Меҳргон маросими тоҷгузориро иҷро мекарданд. Масалан, маросими тоҷгузории Анӯшервони Одил дар ҳамин рӯз баргузор шуда будааст ва ҳамчунин овардаанд, ки Ардашери Бобакон низ тоҷеро, ки бар он расми Офтоб нақш карда буданд, маҳз дар ин рӯз бар сар ниҳодааст.

Меҳргон суфраи хоси ҷашнии худро дошт ва дар хони меҳргонӣ, ки назди шоҳон густурда мешуд, дар он навъҳои гуногуни хӯришҳо, донагиҳо, меваҷот ва ғайра мавҷуд буданд. Дар мобайни дастурхони идона нони бузургеро мегузоштанд, ки он аз ҳафт навъ донагиҳои ордкардашуда пухта шуда буд. Инчунин, бо навъҳои гуногуни меваҷот, гулу райҳон, мурғкабоб, шароб, оина, сурмадон, навъҳои гуногуни шарбат, ширинӣ, шохи дарахти сабзи зайтун, себи биҳӣ, анор ва шакару сикка суфраи меҳргониро оро медоданд.

Дар ин айём деҳқонон ҳосили киштаашонро ҷамъоварӣ карда, дар хирманҷойҳо базму шодмонӣ барпо мекарданд. Дар ин рӯз мардум ба тан либоси идона пӯшида, ба базмгоҳҳо ҳозир мешуданд ва иди Меҳргонро ҳамчун маросими аҷдодӣ ботантана ҷашн мегирифтанд. Дар ин гуна базмҳо сар заданӣ гӯсфанд ва пухтани хӯроки дастаҷамъӣ, испанд дуд додан, барои дафъи захми ҷашм ва дигар маросими марбут ба баракати ҳосил ва дуои шукрона аз ҳосили рӯёндаро мекарданд. Пеш аз ғалларо ба анборҳо кашондан, миқдори муайянеро ҳамчун саҳми бобои деҳқон ҷудо карда, онро ба ниёзмандону камбизоатон ҳадя мекарданд ва як қисми дигарашро барои парандагон низ гирифта мемонданд.

Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» Меҳргонро шонздаҳумин рӯзи аз моҳи Меҳр ва оғози ҷашни Меҳргон даниста, рӯзи шашуми онро Меҳргони Бузург ва Ромрӯз номида, аз ҷумла овардааст: «Рӯзи бисту якум Ромрӯз аст, ки Меҳргони бузург бошад ва сабаби ин ид он аст, ки Фаридун бар Заҳҳок зафар ёфт... Зардушт эрониёнро амр кард, ки бояд Меҳргон ва Ромрӯзро ба як андоза бузург бидоред ва бо ҳам ин дуро ид бидоред, то ин ки Ҳурмузд писари Шопури паҳлавон (набера Ардашер) миёни ин дуро ба ҳам пайваст ва сипас мулуки Эрон ва эрониён аз оғози Меҳргон то сӣ рӯзи тамом барои табақоти мардум, монанди Наврӯз ид қарор доданд ва барои ҳар табақае панҷ рӯз ид донистанд».

Меҳргон дар замонҳои Ҳахоманишиён, Ашкониёну Сосониён боз ҳам пурҷалолу пуршукӯҳтар ҷашн гирифта мешуд. Дар замони давлатдории Сосониён Борбади Марварзӣ бахшида ба ин иди бузург таронаҳои хоссае эҷод карда, дар базмгоҳ месурудааст. Хунёгарон оҳангҳои «Меҳргони бузург», «Сарвистон», «Марвои нек», «Шабдиз», «Ғунчаи кабки дарӣ», «Кини Сиёвуш» ва дигар суруду таронаҳои меҳргониро дар чунин базмҳо месуруданд.

Гузаштагонамон бо қабул намудани дини мубини ислом аз баргузор намудани ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон даст накашиданд ва махсусан дар замони сулолаҳои Сомониён ва Ғазнавиён ин идҳоро гиромӣ медоштанд ва бошукӯҳ барпо мекарданд.

Шоирони ин асрҳо ба монанди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Манучеҳрии Домғонӣ, Фаррухии Сиистонӣ, Унсурӣ, Азрақӣ, Масъуди Саъди Салмон, Рашиди Ватвот ва дигарон дар васфи ҷашни Меҳргон шеърҳои зебое офаридаанд, ки шоҳбайти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ намунае аз онҳост:

*Малико, ҷашни*
*Меҳргон омад,*
*Ҷашни шоҳону*
*хусравон омад.*

Боварӣ дорем, ки хонандаи муҳтарам аз мутолиаи ин мақола каме ҳам бошад, дар бораи ҷашни Меҳргон маълумот ҳосил менамояд ва барои гиромидошт ва баргузор кардани ин ҷашни бостонӣ дар миёни ҳамдиёрон корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ мебарад ва бо ҳамин васила насли имрӯзаву ояндаро барои гиромидошти ин гуна ҷашнҳои миллӣ омода месозад.

**Раҷабалӣ ХУДОЁРЗОДА,**
**номзади илмҳои филологӣ**

# КУРСИ ОМӮЗИШИИ “ПАЙРАВОНИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ”



**Дар толори Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон курси омӯзишии навбатии “Пайравони Пешвои миллат” баргузор гардид.**

Дар чорабинӣ Шукрона Маҳмадализода, муовини раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, инчунин гурӯҳи фаъоли шунавандагони курси омӯзишӣ иштирок намуданд.

Мавриди зикр аст, ки ҳадафи баргузории чунин курсҳо баланд бардоштани дониш ва ҷаҳонбинии сиёсиву иҷтимоии ҷавонон, таҳкими ҳисси ватандӯстиву худшиносии миллӣ, ташаккули шахсияти созанда ва тарғиби пайравӣ аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Дар ҷараёни омӯзиш масъалаҳои марбут ба сиёсати давлатии ҷавонон, нақши онҳо дар рушди устувори ҷомеа, арзишҳои милливу давлатӣ ва тарбияи ватандӯстӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Шукрона Маҳмадализода, зимни баромади хеш қайд кард, ки таваҷҷуҳи доимӣ ва меҳварии фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон боис гардид, ки имрӯз ҷавонони лаёқатманду соҳибистеъдод дар низоми идоракунии давлатӣ бо ишғоли мансабҳои баланди хизмати давлатӣ фаъолияти назаррас намуда, дар заминаи сиёсати созандаи Ҳукумати ҷумҳурӣ барои амалигардонии ҳадафҳои барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон саҳми муносиб мегузоранд.

Чорабинӣ бо суханрониҳои судманд, мубодилаи таҷриба ва пешниҳоди роҳҳои амалии ҷалби ҷавонон ба ҳаёти сиёсиву иҷтимоии кишвар анҷом ёфт.

**“Ҳамрози халқ”**

# ЗАН – ПОЯИ ҶОМЕАИ СОЛИМ ВА НЕРУИ ФАЪОЛИ СИЁСӢ



**Дар шароити пешрафти давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, ки зери роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи устувори тараққиро пеш гирифтааст, нақши занон дар тамоми соҳаҳои ҳаётӣ беш аз пеш намоён мегардад. Зани тоҷик имрӯз дигар танҳо посдори меҳру муҳаббат нест, балки ҳамчун неруи фаъол, масъулиятшинос ва бунёдкор дар сафи пеши рушди ҷомеа қарор дорад.**

Яке аз чунин симоҳои барҷастаи бонувони фаъол, ки бо меҳнату садоқати худ барои пешрафти ҷомеа хизмат мекунад, Темурзода Фарзона, муовини раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Ёвон мебошад.

Темурзода Фарзона соли 1994 таваллуд шуда, пас аз хатми таҳсилоти олӣ фаъолияти меҳнатии худро ҳамчун омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таълимии ноҳия оғоз намудааст.

Аз соли 2019 то соли 2024 ӯ дар вазифаи муовини директори Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди шуъбаи маорифи ноҳияи Ёвон кор кардааст. Маҳз дар ҳамин давра қобилияти ташкиливу роҳбариаш бештар рушд ёфтанд ва аз моҳи марти соли 2024 ӯ ҳамчун муовини раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ёвон ба фаъолият шурӯъ намуд.

Темурзода Фарзона на танҳо омӯзгори соҳибтаҷриба, балки як роҳбари масъулиятшинос аст, ки фаъолияти худро бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва садоқат ба сиёсати созандаи Пешвои миллат анҷом медиҳад. Ӯ панҷсолаи дуюм аст, ки ҳамчун вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Ёвон ифодаи иродаи халқро дар сатҳи ҳокимияти маҳаллӣ таъмин мекунад.

Аз соли 2015 Темурзода Фарзона ба сафи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пайваста, аз ҳамон рӯз худро як узви фаъоли мактаби сиёсати Пешвои миллат меҳисобад. Ӯ мегӯяд, интихоби ман ба сафи ҳизб на барои мансабу манфиат буд, балки барои пайравӣ аз ғояҳои демократӣ, дунявӣ ва адолати иҷтимоии он, ки барои пешрафти ҷомеа замина мегузоранд.

Ба андешаи ӯ, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мактаби воқеии ватандӯстӣ ва маърифати сиёсист, ки тавассути фаъолияти хеш мардумро ба сӯи ваҳдат, худшиносӣ ва пешрафт ҳидоят менамояд.

Темурзода Фарзона ҳамеша бо ифтихор изҳор медорад, ки зери роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон занон на танҳо дастгирии моддиву иҷтимоӣ, балки эътимоди сиёсӣ пайдо намудаанд. Имрӯз садҳо бонувони ҷавон дар вазифаҳои давлатӣ, сохторҳои ҳокимият ва ниҳодҳои ҳизбӣ бо масъулият фаъолият доранд, ки ин ҳама самараи сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат нисбат ба занон аст.

Ба гуфтаи Фарзона, имрӯз зани тоҷик дар фазои сулҳу амният ва сиёсати созандаи Пешвои миллат зиндагӣ ва фаъолият мекунад. Зан на танҳо тарбиятгари насли нав, балки пояи маънавӣ ва ахлоқии ҷомеа аст.

Мақоми зан дар даврони Истиқлол мегӯяд ӯ, нишонаи эҳтироми давлат ба арзишҳои маънавӣ ва худшиносии миллӣ мебошад. Зани босавод, бофарҳанг ва ватандӯст метавонад ҷомеаро ба сӯи некӣ ва рушд раҳнамой кунад.

Ҳақиқатан ҳам, бо талошу дастгириҳои Пешвои миллат имрӯз садҳо духтарони тоҷик дар донишгоҳҳои олӣ таҳсил мекунанд, дар сохторҳои давлатӣ, илм ва фарҳанг ҷойи худро ёфтаанд. Маҳз таваҷҷуҳи махсуси Роҳбари давлат нисбат ба илмомӯзии занону духтарон тавассути квотаҳои президентӣ, имтиёзҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои рушди маориф заминаи таҳкими неруи зеҳнии занонро фароҳам овардааст.

Фарзона Темурзода бар ин назар аст, ки илму маърифат беҳтарин зевар барои ҳар зани тоҷик аст. Зани босавод, модари дурандеш ва раҳнамои ҷомеаи солим мебошад.

Ӯ бо ифтихор мегӯяд, ки фаъолияти ҳизбӣ барои ӯ на вазифа, балки рисолат аст. Ҳар саҳар вақте ки ба Кумитаи иҷроия ворид мешавам ва акси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мебинам, ҳис мекунам, ки садоқатам ба Ватан ва ҳизб боз ҳам бештар мегардад. Барои ман, хизмат ба Ватан маънои зиндагист.

Фарзона Темурзода соҳиби ҷоизаҳои зиёди давлатӣ ва соҳавӣ мебошад. Ӯ соли 2020 дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» соҳиби ҷойи ифтихорӣ гардид ва бо нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардидааст.

Бо вуҷуди ин ҳама дастовардҳо ӯ худро ҳамоно шогирди мактаби бузурги Пешвои миллат медонад. Ба гуфтаи Фарзона вазифаи асосии ҳар як зани ҳизбӣ дар он аст, ки дар ҷомеа муҳити дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва масъулиятро тақвият диҳад.

Мо, занон, бояд ҳамеша пайрави Пешвои миллат бошем ва бо дониш, амал ва муҳаббати худ ба Ватан хизмат кунем. Ҳизби мо ҳизби амал аст ва ман ифтихор дорам, ки дар сафи чунин ҳизби созанда фаъолият дорам.

Имрӯз, вақте аз фаъолияти Фарзона Темурзода сухан меравад, дар пеши назар симои як зани ҷавон, босавод, ҳизбӣ ва масъулиятшинос меояд, ки бо тамоми ҳастӣ барои пешрафти Ватан талош мекунад. Ӯ намунаи воқеии зани ҳизбӣ аст, зани боирода, меҳнатдӯст, фарҳангпарвар ва ватандӯст, ки мактаби сиёсии Пешвои миллатро бо тамоми ҳастӣ эҳсос кардааст.

Бо чунин занон чун Фарзона Темурзода ҷомеаи тоҷик қавӣ, устувор ва боварманд ба оянда аст. То он рӯзе ки чунин бонувон дар сафи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон фаъолият мекунанд, Тоҷикистони азиз ҳамеша рӯ ба тараққӣ ва шукуфоӣ хоҳад дошт.

**Адиба НОДИРОВА,**
**“Ҳамрози халқ”**

# ЗАФАР МУБОРАК!



Дар асоси маълумотҳои Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ба санаи 22-юми октябри соли ҷорӣ шаҳру ноҳияҳои Дӯстӣ, Левакант, Ёвон, Данғара, Бохтар, Вахш, Кӯшониён, Ҷайҳун, Ҷ. Балхӣ, Хуросон ва А. Ҷомӣ аз ӯҳдаи дурнамои ҷамъоварии ҳосили пахта бо сарбаландӣ баромадаанд.

Мавриди зикр аст, ки дурнамои ҷамъоварии ҳосили пахта дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 254 ҳазору 300 тоннаро ташкил медиҳад. Деҳқонони вилоят то санаи 22-юми октябри соли 2025 зиёда аз 232 ҳазору 755,6 тонна пахта ҷамъоварӣ намудаанд, ки ин 91,53 фоизи дурнамои солонаро ташкил медиҳад.

Раёсати Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон заҳматкашони шаҳру ноҳияҳои болозикрро ба муносибати сарбаландона иҷро намудани дурнамои ҷамъоварии ҳосили пахта самимона табрик намуда, аз деҳқонони дигар шаҳру ноҳияҳои пахтакор даъват менамоянд, ки бахри иҷрои дурнамои ҷамъоварии ҳосили пахтаи вилояти Хатлон аз пешқадамон ибрат гирифта, саҳми муносиб гузоранд.

**Зафар муборак, ҳамдиёрони азиз!**

# ОБОДОНИЮ ЗЕБОӢ-АЗ ТАШАББУСИ ҲИЗБӢ

**ВОСЕЪ**



Бо мақсади татбиқи ташаббуси ҳизбӣ таҳти унвони "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар назди ташкилоти ибтидоии "Ҷавонон"-и ноҳияи Восеъ корҳои ободониву гулшинонӣ роҳандозӣ гардиданд.

Дар доираи ин иқдом, бо иштироки аъзои фаъоли ташкилоти ибтидоӣ атрофи бино ва канори роҳравҳо бо гулҳои рангоранги тару тоза зебо карда шуданд. Ҳамзамон, замин нарм ва бехи дарахтон тоза карда шуда, алафҳои бегона решакан карда шуданд.

Ин иқдом ба зебоии муҳити зист, тозагии ҳавои атроф ва рӯҳияи сокинон таъсири мусбат гузошта, ҳисси зебоипарастӣ ва муҳаббат ба Ватанро дар қалби ҷавонон тақвият мебахшад.

# "365 РӮЗИ ОБОДОНӢ, СОЗАНДАГӢ ВА БУНЁДКОРӢ" ДАР ЁВОН



**ЁВОН**

Бо мақсади дар сатҳи баланд истиқбол гирифтани ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар доираи татбиқи ташаббуси ҳизбӣ таҳти унвони "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" дар ноҳияи Ёвон ҳамарӯза корҳои созандагӣ роҳандозӣ мегарданд.

Аз ҷумла, дар маҳаллаи Абдураҳмони Ҷомӣ-2-и Ҷамоати шаҳраки Ёвон, дар назди ташкилоти ибтидоии ҳизбии "Баҳористон-2", бо ташаббуси аъзо ва фаъолон корҳои созандагиву ободонӣ ҷараён гирифта, сокинон бо рӯҳияи баланди ватандӯстӣ дар ҳашари дастаҷамъона фаъолона иштирок намуданд.

Дар доираи ин иқдом роҳравҳои назди биноҳои баландошёна бетонпӯш карда шуданд, ки ин амал барои бехатар шудани шароити рафтуомади сокинон, хусусан дар мавсими зимистон, мусоидат мекунад.

Ин ташаббус ҳамчун намунаи ҳамкории сокинон ва ҳизбиён дар татбиқи амалии сиёсати ободкоронаи давлату Ҳукумат арзёбӣ мешавад.

# АЗНАВСОЗИИ МАЙДОНИ ВАРЗИШӢ ДАР ДЕҲАИ ТУТҚАВУЛ

**НОРАК**



Дар доираи татбиқи ташаббуси ҳизбии "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳаи Тутқавули Ҷамоати деҳоти Пули Сангини шаҳри Норак корҳои азнавсозии майдони варзишӣ оғоз ёфт.

Иқдоми мазкур бо дастгирии фаъолонаи соҳибкорони ватандӯст, шахсони саховатманд ва аъзои фаъоли ҳизб роҳандозӣ гардида, ҳадаф аз он фароҳам овардани шароити мусоид барои тарғиби тарзи ҳаёти солим ва ҷалби наврасону ҷавонон ба варзиш мебошад.

Майдони варзишӣ бо назардошти талаботи замонавӣ таҷдид шуда, пас аз ба истифода супоридан, ба макони баргузории машқҳо ва бозиҳои варзишии сатҳи маҳаллӣ табдил хоҳад ёфт.

# СИНФХОНАҲОИ НАВ-ТУҲФА БА ИСТИҚБОЛИ ИСТИҚЛОЛ



**ДӮСТӢ**

Бо мақсади сазовор истиқбол гирифтани 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва дар доираи татбиқи ташаббуси ҳизбии "365 рӯзи ободонӣ, созандагӣ ва бунёдкорӣ" дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23 бо дастгирии Кумитаи падару модарон, аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, соҳибкорон ва шахсони саховатманд бунёди синфхонаҳои иловагӣ идома дорад.

Синфхонаҳои нав бо тарҳи замонавӣ сохта шуда, бо маводи сохтмонии босифат ва ҷавобгӯ ба талаботи муосири таълим таҷҳизонида мешаванд. Иҷрои ин иқдом ба бехтар гардидани шароити таълим мусоидат карда, имкони фарогирии бештари хонандагонро фароҳам месозад.

# ҲИЗБИЁН ДАР ҶАМЪОВАРИИ ПАХТА САҲМ ГУЗОШТАНД

**КӮЛОБ**



Дар асоси дастуру супоришҳои мақомоти болоии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва Мурожиатномаи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон оид ба ташаббуси ҳизбӣ таҳти шиори "Ба кумаки марди деҳқон меравем" дар рӯзҳои истироҳатӣ кормандони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб бо эҳсоси баланди масъулият бо саҳро баромада, дар маъракаи ҷамъоварии "тиллои сафед" фаъолона иштирок намуданд.

Ҳамчунин дар ин маъракаи муҳими стратегӣ волонтиёрон ва аъзои намояндагии ТҶҶ "Созандагони Ватан"-и назди кумитаҳои иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияҳои Ховалинг ва Муъминобод низ дар ҳашари пахтакорон дар деҳоти шаҳри Кӯлоб саҳми арзанда гузоштанд.

Ин иқдом дар партави дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат ва ҳадафҳои ҳизбӣ ба сӯи афзоиш ва ғанӣ гардондани ҳосили пахта равона шудааст, ки барои рушди иқтисодиёту таъмини зиндагии шоистаи мардум нақши муҳим дорад.


**Ҳамрози халқ**
Ҳафтаномаи сиёсӣ - иттилоотӣ

**Аз соли 2003 нашр мешавад. Моҳи январи соли 2024 таҳти рақами №412/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**

Муассис: **Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.**

Сармуҳаррир: **Зебо Икромзода**

Ҳайати мушовара: **Давлаталӣ Саид**, раиси вилояти Хатлон, **Анзурат Абдусаломзода**, муовини раиси вилояти Хатлон, **Саидзода Ҷамшед Ҳамро**, раиси КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон.

Ҳайати эҷодӣ: **Амонҷон Муҳиддинов Ҷамолиддин Усмониён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Аҳлиддини Мубракшоҳ, Адиба Нодирова** рӯзноманигор, **Меҳроб Салимбеков**, саҳифабанд.

Ба хотири чандандешӣ мақолаҳое низ чоп карда мешаванд, ки на ҳама вақт ҳайати эҷодии ҳафтанома ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон ба муҳтавои он мувофиқанд. Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.. Матолиби ҳафтаномаро дар дигар васоити ахбори омма танҳо бо нишон додани манбаъ метавон истифода кард.

Нишонии мо: **шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ - 47, бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон, ошёнаи сеюм.**

Телефонҳои мо: **(8 3222) 2-12-12**

Сомонаи КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон: **www.hkhdtkhatlon.tj**

E-mail: **info@hkhdtkhatlon.tj**

Ҳафтанома дар чопхонаи нашриёти «Мега-Принт» бо теъдоди **24030** нусха нашр шуд.


